«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори ДМТ,
профессор Хушвахтзода Қ.Х.
____________________
«26» 01 2023 с.

# ХУЛОСАИ
## Шурои олимони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

доир ба диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ. Диссертатсияи Нодирхонов Г.Г. дар кафедраи таърихи фалсафа фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шуда, дар ҷаласаи васеи ҳамин кафедра (23 ноябри соли 2022, протоколи №4) муҳокима гардида, ҷиҳати гузаштан аз даври дуюми экспертизаи муассиса ба Шурои олимони факултет пешниҳод карда шудааст. Шурои олимони факултети фалсафа санаи 21-уми декабри соли 2022 протоколи №6- диссертатсияро ҷиҳати баррасӣ ва муайян намудани муқарризони холис барои ташхис ва баҳогузорӣ қабул намудааст. Тибқи қарори мазкур муқарризони холис дар ҳайати н.и.с., дотсент, мудири кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгҳои миллии Тоҷикистон Сафарализода Х.Қ. ва номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи илмҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ Тураев Ф.Р. муайян шудаанд.

Мавзуи рисолаи диссертатсияи Нодирхонов Г.Г. дар ҷаласаи Шурои олимони факултети фалсафа аз 1- уми майи соли 2019 протоколи №9- тасдиқ гардидааст. Роҳбари илмии диссертант доктори илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгҳои миллии Тоҷикистон Муминов Аҳмад Исматович мебошад.

Шурои олимони факултети фалсафа аз рӯйи муҳокимаи диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-

фалсафӣ)» ва бо назардошти тақризҳои мусбати муқарризони холис хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатсияи Нодирхонов Г.Г. кори илмии анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назариявию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Он мустақилона иҷро гардида, фарогири натиҷаҳои арзишманди илмӣ мебошад. Муаллиф тавонистааст ба таври кофӣ муҳимияти мавзуро мушаххасан ва асоснок исбот намояд. Аз ҷумла, диссертант қайд менамояд, ки «сохтори амнияти иттилоотӣ барои ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи амнияти умумии ҷомеа муҳим аст, аммо хусусияти хоси рушди системаи амнияти иттилоотии кишвари мо ба он асос меёбад, ки он дар ҳоли таҳаввулот аст. Як қатор қонуну санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае унсурҳои асосии сиёсати давлатии иттилоотро мустаҳкам намуданд, вале ин муҳиммияти таҳқиқоти иҷтимоӣ-фалсафии амнияти иттилоотиро кам намекунад, зеро воридшавӣ ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ ва раванду таҳаввулоти ҳамешагӣ ва пайдарҳамии иттилоотӣ таҳлилу баррасии илмии ҳамарӯза ва хастанопазирро тақозо менамояд». Андешаи зикргардида аз он далолат менамояд, ки диссертант муҳимияти мавзуи мавриди таҳқиқи худро барои ҷомеаи муосир бо далелҳои муътамади илмӣ асоснок намудааст.

Қисмати дараҷаи омӯзиш ва сатҳи таҳқиқи мавзуъ низ, тавассути методологияи дурусти илмӣ таҳия гардида, муаллиф тавонистааст, дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ онро коркард намояд. Муваффақияти диссертант дар бахши мазкур он аст, ки сарчашмаҳо ва осори таҳқиқотиро вобаста ба муҳимияташон гурӯҳбандӣ намуда, таҳқиқталаб будани мавзуи худро исбот кардааст. Ҳамзамон, робитаи мавзуи мавриди таҳқиқ бо нақша ва барномаҳои илмӣ муайян гардида, мувофиқати пурраи он бо ихтисос собит карда шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия муайяншуда ба таври мушаххас баён гардида, бо объет ва предмети таҳқиқ алоқамандии бевосита доранд. Ҳамин мувофиқат боис гардидааст, ки масъалаҳои асосии гузошташуда дар диссертатсия коркард шуда, навгониҳои илман асоснок ва натиҷаҳои мантиқан дурусти асоснокро пешниҳод карда шаванд.

Асоси методологии таҳқиқотро фаҳмиши ратсионалии фалсафаи амалӣ, таҳлили муқоисавӣ ва истифода аз усулҳои герменевтикӣ ва умумимантиқӣ ташкил медиҳад. Тавассути усулҳои зикргардида диссертант тавонистааст, ки масъалаҳои гузошташударо ҳалу фасл ва хулосаҳои илман асоснок пешниҳод намояд. Ҳамин аст, ки дар

диссертатсия навгониҳо ва қисмати ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо мавзуи диссертатсия ва объекту предмет комилан мувофиқат менамоянд.

Ҷанбаи назариявиву амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки дар он кӯшиш карда шудааст, то аҳамият ва арзиши масъалаи ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва таъмини амнияти иттилоотии Тоҷикистон дар доираи имконоти методологии фалсафаи иҷтимоӣ ҳамчун мавзуи таҳқиқи илмӣ- қарор гирифтааст. Навгонии илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки:

- раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили муҳими амнияти миллӣ дар рушди ҷомеаи муосир таҳлил гардидаанд;

- нақши амнияти иттилоотии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар суботи системаи иҷтимоӣ баҳогузорӣ карда шудааст;

- таъсири ташаккул ва оқибатҳои воридшавии технологияи иттилоотӣ ба амнияти иттилоотии ҷомеаи тоҷикистонӣ асоснок карда шудааст;

- амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили афзалиятнок ва муҳимми таъминоти амнияти миллии Тоҷикистон арзёбӣ шуда, таъсири мусбати он ба ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян гардидааст;

- самтҳои асосии таъмини устувории системаи амнияти иттилоотӣ ва усулҳои асосии муқовимат ба таҳдиду хатарҳои ба системаи амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронидашуда ошкор карда шудааст.

Дар раванди таҳқиқи илмӣ иштироки фаъоли диссертант эҳсос мешавад. Мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда оид ба мавзуи таҳқиқотӣ, аз ҷониби диссертант ба чоп расонида шудаанд, инчунин баромад дар конференсияҳои сатҳи гуногун ҷанбаъҳои муҳимтарини диссертатсияро инъикос менамоянд:

**I.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. Нодирхонов Г.Г. Иттилоот ва гуногунии системаҳои иҷтимоӣ [Матн] / Г.Г. Нодирхонов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе.- 2019.- №10.- С. 143-147. ISSN 274-1847

[2-М].Нодирхонов Г.Г. Доир ба амнияти иттилоотӣ [Матн] / Г.Г. Нодирхонов // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.- Душанбе.-2020. №2.- С. 166-171. *ISSN* 0235-005X

[3-М]. Нодирхонов Г.Г. Мафҳуми «Субот» ва «Носуботӣ» дар системаиҳои иҷтимоии ҷомеа. [Матн] / Г.Г. Нодирхонов, А. И. Муминов // Паёми донишогҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе.- 2020.-№4.- С.140-144. ISSN 2074-1847

[4-М]. Нодирхонов Г.Г. Ҷомеаи иттилоотӣ ва бехатарии он дар таҳқиқоти муҳаккиқони ғарбӣ [Матн] / Г.Г. Нодирхонов, А. И. Муминов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.- Душанбе.-2021. №1(262).- С. 26-31. ISSN 2076-2569

[5-М]. Нодирхонов Г.Г. Мақоми иттилоот дар системаи амнияти иттилоотӣ [Матн] / Г.Г. Нодирхонов, А. И. Муминов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.- Душанбе.-2021. №2 (014).- С. 132-138. ISSN 2076-2569

**II.Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

[6-М].Нодирхонов Г.Г. Муносибати этикӣ ба бехатарии иттилоотӣ. Ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои нави замони муосир [Матн] / Г.Г. Нодирхонов // Маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш. Душанбе, 05 декабри соли 2019).- Душанбе, 2019.- С. 219-228.

[7-М].Нодирхонов Г.Г. Таъмини бехатарии иттилоотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / Г.Г. Нодирхонов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500- солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040).- Душанбе, 2020. Ҷ.2.- С .58.

[8-М].Нодирхонов Г.Г. Назарияи ҷомеаи иттилоотӣ дар раванди таҳаввулот амнияти иттилоотӣ [Матн] / Г.Г. Нодирхонов., Ҷ.Р. Саидова // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир» Бахшида ба 30- солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети

фалсафаи ДМТ (ш. Душанбе, 27 октябри соли 2021).- Душанбе, 2021.- С. 384-389.

[9-М].Нодирхонов Г.Г. Нақши иттилоот дар ҷомеа [Матн] / Г.Г. Нодирхонов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Нақши маориф дар мубориза бар зидди экстремизми сиёсӣ ва терроризм» (ш. Душанбе, 22 феврали соли 2022).- Душанбе, 2022.- С. 369-381.

Қисмати асосии диссертатсия, ки дар ду боб бо фарогирии шаш зербоб таҳия гардидааст, пурра ба объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда мувофиқ мебошанд. Навгониҳои пешниҳодшуда ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия аз мазмуни диссертатсия сарчашма мегиранд. Арзиши назариявии диссертатсияи Нодирхонов Г.Г. аз он иборат аст, ки мавод ва хулосаҳои умумии он фаҳмиши навро оид ба дарки ҷомеаи иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ ва таъмини амниятии он дода, натиҷаҳои ба дастомадаи таҳлилӣ барои бунёд ва рушди ғояҳои илмӣ-назариявии ҷомеаи иттилоотӣ ва дар ин замина таҳкими пояҳои истиқлолият ва бунёди давлати миллӣ мусоидат менамоянд. Илова бар ин, мавод ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ҳангоми таҳияи консепсияи рушди ҷомеаи иттилоотӣ, татбиқи амалиии тадбирҳо оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ, омода намудани курси лексияҳо, курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба фанҳои фалсафаи иҷтимоӣ, сиёсатшиносӣ, сотсиология ва ғ. истифода кардан, муфид ва самаровар ҳастанд.

Хулосаҳои муаллиф ва натиҷаҳои бадастомадаи кори диссертатсиониро зимни бурдани корҳои тарбиявӣ ва ташвиқотӣ дар самти баланд гардонидани худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои фарҳанги миллӣ, пешгирӣ аз хурофот ва таассуботи динӣ ва рушди тафаккури эҷодӣ, устувории сохти конститутсионӣ, суботи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва рушди ҷомеа низ метавон истифода намуд.

Мавзуи таҳқиқгардида, сохтор ва мазмуни диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқ буда, барои «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, пурра мувофиқат менамояд.

Диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳавулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ пурра мувофиқат намуда, аз рӯйи

сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад ва ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси васеи Шурои олимони факултети фалсафаи ДМТ 25-уми январи соли 2023 қабул карда шуд.

Дар маҷлис 18 нафар иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор- 18 нафар; зид - нест, бетараф - нест. Суратҷаласаи №7
аз 25.01.2023.

**Раиси Шурои олимон, д.и.ф., профессор Маҳмадизода Н.Д.**

**Котиби Шурои олимон Гадоев Н.**

**Муқарризи холиси якум, дотсент Сафарализода Х.Қ.**

**Муқарризи холиси дуюм, и.в. дотсент Тураев Ф.Р.**

**Имзои Маҳмадизода Н.Д., Гадоев Н.,**
**Сафарализода Х.Қ. ва Тураев Ф.Р.-ро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Э.Тавқиев**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

26.01.2023